## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) – Душанбе, 2024. – 206 саҳ.**

Замони Истиқлол дар рушди маорифи Тоҷикистон саҳифаи тозае боз намуд ва шароит фароҳам овард, ки барномаву китобҳои дарсии муассисаҳои таълимӣ ба забони давлатӣ ва бо назардошти манофеи миллату ифтихороти миллӣ навишта шаванд. Соҳаи маориф аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати кишвар эълон гардида, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт. Дар замони Истиқлол, бино ба таъкиди Пешвои миллат "илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидаанд". Таълими ҳадафмандона ва самараноки ҳаёт ва эҷодиёти шоирону нависандагони бузург, монанди Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таълимӣ, алалхусус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз муҳимтарин масъалаҳои таълиму тарбия мебошад. Бояд зикр кард, ки масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот аз муҳимтарин масъалаҳои соҳаи маориф аст, ки Роҳбари давлат дар суханронӣ ва Паёмҳои хеш борҳо таъкид кардаанд: "Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони саҳаи илму маориф мебошад".

Диссертатсия Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи "**Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**" дар асоси лоиҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсилот муносибати босалоҳият ба таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ менамояд,

интихоб шудааст. Унвончӯ дар муқаддимаи кор мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзуъро бо далелу мадракҳои илмӣ собит менамояд. Ба таъкиди З.Т. Бобоева “Дар партави дастуру раҳнамоиҳои Пешвои миллат ҳадафҳои нав дар Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ тарҳрезӣ шуданд, ки асоси онро низоми босалоҳият ташкил медиҳад... Барои ҷавобгӯ будан ба талаботи замон ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои ин ҳадафи муҳими стратегӣ дар доираи “Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф” ҷорӣ намудани муносибати босалоҳиятро дар низоми таҳсилоти ҶТ амалӣ намуда истодааст, ки фанни адабиёт низ монанди дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба ин талабот таҳқиқ шавад ва натиҷаҳои он дар кори таълиму тарбияи насли нав самараовар бошад” (Рисола, саҳ.,5).

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд. Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Мавзуи мавриди таҳқиқ қарорёфта аз ҷиҳати илмию амалӣ ба талаботи муосири илмҳои педагогика ва методикаи таълим ҷавобгӯ буда, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ вазифаҳое гузоштааст, ки пояи илмию методӣ доранд. Дисертатсия бо корбурди технологияҳои навини таълим, бо дақиқ нишон додани натоиҷи ба илм асосёфта ва аз озмоиш гузашта навишта шуда, ки онро метавон муҳимтарин дастоварди илмии диссертант ҳисобид.

Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна аз муқаддима, се боб, ки ҳар як боб дорои фаслу зерфаслҳост, хулоса, феҳристи адабиёт ва

рӯйхати мақолаҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуъ иборат мебошад. Матни диссертатсия 206 саҳифаи компютерӣ буда, адабиёти истифодашуда аз 254 номгӯй иборат аст, ки ба талаботи рисолаҳои номзадӣ комилан ҷавоб дода метавонад.

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертатсия, ки аз чаҳор фасл иборат аст, нахуст, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиётро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ намуда, дар фасли дуюм таълими интрактивии омӯзиши шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ ва мероси адабию илмии ӯ дар зинаҳои таълим бо такя ба озмоишҳои педагогӣ мушаххас намудааст. Дар фасли сеюм диссертант нақши технологияи таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар асоси озмоишу таҷрибаҳои таълимӣ муайян намудааст, ки метавон натоиҷи онро аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия ҳисобид. Дар фасли чаҳоруми боби аввал унвонҷӯ ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш (эксперимент)-и таълимии анҷомдодаашро доир ба таълими рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ бо ҷадвалу арқоми оморӣ меоварад, ки раванди озмоишҳои педагогии анҷомдодаи ӯро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) бахшида шудааст, аз ду фасл ва се зерфасл иборат аст. Дар фасли аввал Бобоева Зарнигор махсусияти таълими осори Абдураҳмони Ҷомиро дар зинаи ибтидоии таҳсил бо далелҳои илмию методӣ нишон дода, чандин тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст, ки ба назар гирифтани онҳо аз тарафи мураттибон ва муаллифони барнома ва китобҳои дарсии ин зинаи таҳсилот ва омӯзгорон дар баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамояд.

Дар фасли дуюм, ки аз се зерфасл иборат аст, нахуст таълими шарҳи ҳоли шоир дар курси хониши адабӣ дар шароити муносибати босалоҳият бо такя ба озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ шуда, натиҷаҳои онҳо пешниҳод

гардидааст, ки пояи баланди илмию методӣ доранд. Дар зерфасли дуюм методикаи таълими ашъор ва дар зерфасли сеюм “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити муносибати босалоҳият бо такя ба озмоишҳои педагогӣ матраҳ гардида, пешниҳодҳо ироа шудаанд, ки дорои арзиши баланди илмию методианд.

Боби сеюми диссертатсия, ки “Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт” ном дорад, аз се фасл ва ду зерфасл иборат аст. Унвонҷӯ дар дар ин боб усули таълими шарҳи ҳол, методикаи таълиму таҳлили ғазалиёти шоир ва шеваи таълими асарҳои ҳамосии ӯро бо усули итерактивии таълим дар курси таърихи адабиёт (синфи 9)  таҳқиқ намуда, бо такя ба озмоишҳои педагогӣ шеваи тадриси онҳоро дар шароити муносибати босалоҳият пешниҳод кардааст.

Бобоева З.Т. дар 10 банд хулосаи таҳқиқи мавзуъро ба таври фишурда пешниҳод кардааст, ки арзиши илмӣ дошта, метавон онҳоро дар таълими рӯзгору осори шоирони дигар ҳам истифода бурд. Муаллифи диссертатсия дар мавриди истифодаи амалии натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада нуҳ тавсияи методӣ пешниҳод кардааст, ки дар амал татбиқ намудани онҳо дар ташаккулу таҳаввули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълими адабиёти тоҷик созгоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки диссертатсия Бобоева Зарнигор Тоҳировна навгониҳои зиёдеро дорост. Аз ҷумла, унвонҷӯ бори нахуст таълими рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомиро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият бо истифода аз технологияҳои нави таълим анҷом додааст. Ҳамчунин, татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим бори аввал дар заминаи омӯзиши рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ  бо хулосаҳои илман ва амалан аз озмоиши таълимӣ гузашта пешниҳод шудааст. Шоёни зикр аст, ки З.Т. Бобоева дар методикаи таълими адабиёти тоҷик гузариш ба консепсияи дониш, таҷриба, малака (ДТМ)-ро дар мисоли таълими рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ намуда, самаранокии онро нисбат ба модули дониш,

малака, маҳорат (ДММ), ки имрӯз роиҷанд, дар асоси натиҷаҳои аз озмоиши педагогӣ бадастомада илман собит намудааст. Навгонии дигари муаллифи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал нақши технологияҳои таълим, яъне тавъам ба кор бурдани усулҳои таълим дар ташаккули салоҳиятҳо, корбурди ҳадафмандонаи методҳои интерактивии таълим ҳангоми таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо далоили илмӣ собит шудаанд. Унвонҷӯ нуқсу камбудиҳои барномаи таълимӣ, китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ва ба ташаккули қобилиятҳои когнитивӣ ва зинаҳои маърифатии тафаккури хонандагон мувофиқ набудани онҳоро аз нигоҳи илмӣ ва методӣ собит намуда, таълими консептуалии ҳаёт ва эҷодиёти шоирро дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод намудааст, ки аз навгонии дигари диссертатсия мебошад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар 15 мақолаи муаллиф, ки 9 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автофератро инъикос менамоянд. Мақолаҳои илмӣ ва методии нашршудаи муаллифи диссертатсия ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат доранд. Фишурдаи диссертатсия, яъне автореферат, муҳтаво ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд. Муқаддимаи кор, бобу фаслҳо, зерфаслҳо ва хулосаи диссертатсияю тавсияҳои методӣ бо автореферат мувофиқат дошта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ба назари мо, унвонҷӯ Бобоева З.Т. як кори илмии комил ва муфидеро анҷом додааст, ки натоиҷи илмии ба дастомада ва тавсияҳои

методии онро ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Забон ва услуби баёни диссертатсия низ ҷавобгӯи талабот мебошад.

Дар диссертасия З.Т. Бобоева дар баробари дастовардҳои илмӣ ва таҳлилу натиҷагириҳои мантиқӣ, баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии баъдии муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем ва онҳо асосан характери тавсиявӣ доранд:

1. Ҳангоми таъйини дараҷаи омӯзиши мавзуъ диссертант ҳар як мақолаву рисола, диссертатсия ва дастурҳои таълимӣ, ки доир ба методикаи таълими адабиёт ба нашр расидаанд, таҳлил менамояд, аммо аз мақолаҳои банда, ки бевосита ба таълими адабиёти тоҷик дахл доранд, ном намебарад.
2. Ҳангоми зикри зинаҳои омӯзиши адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муаллифи диссертатсия гоҳе курси хониши адабӣ менависад ва гоҳе бевосита синфи муайяне ном мебарад. Ба фикри мо ҳангоми зикри унвони зинаҳои омӯзиши адабиёт дар қавс синфҳои марбут ба ин зинаҳо оварда мешуд беҳтар буд.
3. Унвонҷӯ ҳангоми натиҷагирӣ бештар ба озмоишҳои педагогии анҷомдода такя мекунад. Ба андеша мо, дар заминаи диссертатсия раванди чанд дарс дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият батафсил оварда мешуд, ба омӯзгорон маводи бештар дастрас мегардид.
4. Лозим ба ёдоварист, ки дар автореферат хатоҳои техникӣ ё услубию имлоӣ ба назар нарасид, аммо дар диссертасия дар чанд саҳифа иштибоҳоти техникӣ ва имлоӣ мушоҳида шуд, ки мо дар ҳошияи саҳифаҳо ишора кардаем ва рафъи онҳо ба манфиати кор аст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми чопи монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиши илмию амалии кори таҳқиқии Бобоева Зарнигор Тоҳировна ҳусни бештар зам менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13. 00.02.04 – назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илми педагогика, муовини директор оид ба
корҳои тарбиявии МДТ литсейи №3
барои хонандагони болаёқати
шаҳри Душанбе **Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович**

«08» апрели соли 2024.

Суроға: ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Деҳнаваки поён хонаи 20/3
Тел: (+992) 777707527, (+992) 919533569
Почтаи электронӣ: sirotullo.zairov.88@inbox.ru

Имзои С.А. Зоировро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои МДТ литсейи №3
барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Юдин Вячеслав

“09” апрели соли 2024